**«Тасдиқ менамоям»**
**Ректори МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров», доктори илмҳои таърих, профессор ________ Усмонзода А. И.**
**«30» ________ соли 2023**

**Тақризи**

**муассисаи пешбар – кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба диссертатсияи Қурбонов Меҳрубон Мирзоевич дар мавзуи “Ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа дар вилояти Хатлони ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924 – 1991)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) пешниҳод гардидааст**

Бо қарори Шӯрои дисертатсионии 6D. КОА-035 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ҳамчун муассисаи пешбари тақриздиҳанда муқарар гардида, диссертатсияи Қурбонов М.М. барои тақриз ба кафедра ирсол гардид. Диссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи таърихи халқи тоҷик факултети таърих ва ҳуқуқи донишгоҳи мазкур мавриди муҳокима қарор гирифт.

Дар муҳокимаи рисолаи диссертатсионӣ шахсони зерин иштирок намуданд: Маҳмудова Н.С., номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедра, Давлатов М., доктори илмҳои таърих, профессор, Набизода В.М., доктори илмҳои таърих, профессор, Турсунов Н.О., доктори илмҳои таърих, профессор, Аюбов А., доктори илмҳои таърих, Раҳимов Н.Т., доктори илмҳои таърих, профессор, Мамадалиев И.А., доктори

илмҳои таърих, профессор, Каримзода О., доктори илмҳои таърих, профессор, Турсунов Б.Р., доктори илмҳои таърих, Исомитдинов Ҷ., номзади илмҳои таърих, дотсент, Шарипов Ш., номзади илмҳои таърих, дотсент, Фармонова Д., номзади илмҳои таърих, дотсент, Икромов Н., номзади илмҳои таърих, дотсент, Абдукаримов Ҷ., номзади илмҳои таърих, дотсент, Ғафурова Г., номзади илмҳои таърих, дотсент, Шарипов М., номзади илмҳои таърих, муаллими калон, Дадоҷонова М., Абдуллоева З., Маҳкамов С., - муаллимони калон, Усмонов М., Муҳаммадизода М., Ҷӯраева М., Зокирова З., Пӯлотова А., Воҳидова Г., Бобоҷонова Д., Саидов Б., муаллимони кафедра, унвонҷӯ, муаллифи диссертатсия Қурбонов М.М., Маҳмудова Г., коргузори кафедра.

Муассисаи пешбари тақриздиҳанда дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби д.и.т., профессор Набизода В.М. н.и.т., дотсент Маҳмудова Н., таҳия ва омода гардид, қайд менамояд, ки рисолаи Қурбонов М.М. ба мавзӯи муҳим ва мубрам бахшида шудааст.

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Қурбонов Меҳрубон Мирзоевич фарогири яке аз масъалаҳои муҳимми соҳаи илмҳои таърих мебошад. Зеро омӯзиши системаи таърихии ҷомеа ва ташаккулу инкишофи он дар шароити муосир яке аз масъалаҳои асосӣ дар низоми донишҳои таърихӣ ба ҳисоб меравад.

Таърихи ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа қисми ҷудонашавандаи таърихи ҷомеа мебошад, зеро вай дар худ рушду инкишофи илм, ихтироъкорӣ, ҳолати воситаҳои алоқа ва сабабҳои афзоиш ва пастшавии воситаҳои алоқаро таҷассум мекунад. Мавзуи таърихи соҳаи алоқа дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми муҳими таърихи воситаҳои алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад ва аз ин лиҳоз таҳқиқи ин мавзуъ на танҳо дар пешрафти соҳаи алоқа, балки барои ғанӣ гардонидани таърихи Тоҷикистон мусоидат

мекунад.

Диссертатсияи Қурбонов Меҳрубон Мирзоевич дар мавзуи «Ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа дар вилояти Хатлони ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924 – 1991)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) пешниҳод шудааст, бо шиносномаи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷкистон аз 1-уми ноябри соли 2021, таҳти №311/01 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

Мубрамияти таҳқиқи масъала аз он иборат аст, ки муаллифи рисола ба тариқи хронологӣ рушди соҳаи воситаҳои алоқа дар мисоли яке аз вилоятҳои калонтарини ҷумҳурӣ – Хатлон таҳлил гардида, нақши он дар рушди соҳаи алоқаи умумиҷумҳуриявӣ инъикос ёфтааст. Бояд қайд кард, ки дар даврони Иттиҳоди Шуравӣ дар ташаккул ва рушди системаи алоқаи вилояти Хатлон захираҳои хеле калони моддию техникӣ ва инсонӣ сафарбар карда шуда буданд. Дар ин робита, омӯзиши масъалаи мазкур ба он хотир зарурат касб мекунад, ки дар илми таърихнигории ватанӣ ҳанӯз масъалаҳои ташаккул ва рушди алоқа мутобиқ ба минтақаҳои ҷудогонаи ҷумҳурӣ амалан ба таври кофӣ тадқиқ карда, аз назари илмӣ, мушаххас ва ба таври маҷмӯӣ омӯхта нашудааст.

Ҳамчунин мубрамияти мавзуи диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки зарурияти омӯзиш ва баррасии на танҳо самтҳои нави таърихи воситаҳои алоқа дар вилояти Хатлон дар солҳои таҳқиқшаванда ба роҳ монда шавад, балки махсусиятҳои саҳми бузурги олимони хориҷӣ ва ватанӣ дар омӯзиши таърихии ин минтақа муайян гарданд.

**Саҳми шахсии муаллифи рисола** дар омӯзиши масъалаи мазкур дар он аст, ки ӯ тавсияҳои худро мураттаб сохта, пешниҳодоти амалӣ ва

пешбиниҳои илмиро дар мавриди масъалаҳои таҳқиқшаванда мушаххасан иброз намудааст. Муаллиф дар рафти таҳқиқи масъалаҳои гуногуни назариявию амалӣ саҳми мутахассисони алоқаро дар минтақа, дар асоси омӯзиши асарҳои зиёди олимони хориҷиву ватанӣ истифода намуда, кӯшидааст, ки онҳоро ба сифати манбаъ ва захираҳои сатҳи гуногун истифода намояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои навгониҳои илмӣ мебошад. Дар диссертатсия нуктаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки онҳо дар замони муосир навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд. Натиҷа ва нуктаҳои навини илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад (саҳ. 23-24).

Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсиониро таҳлили ҳамаҷонибаи хусусиятҳои раванди ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа дар вилоят ва пайомадҳои он дар замони муосир ташкил медиҳад.

Бо назардошти хусусиятҳои раванди ташаккул ва инкишофи воситаҳои алоқа дар минтақа дар замони муосир дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ иҷрои вазифаҳои зерин ба миён гузошта шудаанд:

- таҳлили таърихии бунёд, барқароршавӣ ва рушди воситаҳои алоқаи вилояти Хатлон дар давраи солҳои 1920-1930;

- ҷамъбаст намудани тадқиқот ва таълифоти осори муҳаққиқон ва донишмандони соҳа, ки оид ба мавзуи мазкур анҷом дода шудааст;

- таҳлили асарҳои илмии таърихнигории ба таърихи рушди воситаҳои алоқаи вилояти Хатлон бахшидашуда;

- аз ҷиҳати назариявӣ ошкор намудани аҳамияти мавзуи тадқиқот;

-таҳлил ва баррасии ҷараёни сохтмон, барқароршавӣ ва рушди воситаҳои алоқаи минтақа (почта, радио, телефон, телеграф);

- пажӯҳиш оид ба рушди минбаъдаи воситаҳои алоқаи вилояти Хатлон дар давраи Шӯравӣ;

- аз ҷиҳати илмӣ таҳлил намудани аҳамияти воситаҳои алоқа доир

ба баланд бардоштани шароити ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ, маданӣ-маишӣ ва фарҳангӣ дар вилояти Хатлон;

-баррасӣ ва таҳлили илмии барнома ва қарорҳои Ҳукумати кишвар ҷиҳати баланд бардоштани вазъи иҷтимоӣ, таъмини амнияти дохилӣ ва рушди босуръати воситаҳои алоқаи минтақа;

-инъикос намудани саҳми воситаҳои алоқа дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангиву сиёсии вилояти Хатлон.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки дар шакли рисолаи илмӣ бо истифода аз маводҳои бойгонӣ, тадқиқоте пешниҳод мегардад, ки масъалаҳои ҷараёни сохтмон, барқароршавӣ ва рушди воситаҳои алоқаро дар вилояти Хатлон инъикос менамояд. Диссертатнт ба равиши инкишофи воситаҳои алоқа дар солҳои 1924-1991 дар минтақаи омӯзиш баҳои аниқ дода, инчунин хусусиятҳои хос ва мушкилии ҳар як давраро муайян менамояд, аз мавқеи давлати соҳибистиқлол дақиқона масъалаҳои сохтмон ва рушди воситаҳои алоқаи як минтақаи кишварро шарҳ медиҳад. Дар рисола ба таври муфассал, бо дарназардошти комёбиҳои илми таърихнигории муосир, моҳияти масъалаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва маданӣ-маиширо кушода, рушди минбаъдаи ниҳодҳои давлатии воситаҳои алоқаро таҳлил менамояд, дар ҷанбаи аниқи таърихӣ ба ҷараёни сохтмон ва рушди воситаҳои алоқа равшанӣ меандозад.

Дар баробари ин унвонҷӯ ба далелҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ҷуғрофӣ ва хусусияти демографӣ дошта, ки нуқтаи назари онро ба тадқиқот тасдиқ менамояд, такя мекунад.

**Аҳамияти назариявии тадқиқоти** мазкур аз он иборат аст, ки дар рисола маълумотҳои зиёд дар бораи таърихи воситаҳои алоқа, ки то ба ин дам таҳқиқ нашуданд, ҷамъоварӣ гардида дар шакли рисолаи илмӣ ба тасвиб расонида шуданд. Инчунин рисолаи мазкур аҳамияти методологӣ дорад, ки барои тадқиқотҳои минбаъда роҳҳои таҳқиқ ва усулҳои корро нишондод менамояд.

**Аҳамияти амалии** рисола дар он зоҳир мегардад, ки маълумотҳо ва далелҳои дар рисола овардашуда, он ҳамчун маводи дарсӣ дар коллеҷҳо, донишкадаҳо ва донишгоҳҳои кишвар истифода шавад, то ки донишҷӯён тавассути он аз таърихи воситаҳои алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мисоли як минтақа аз наздик шиносоӣ пайдо намоянд. Ба ғайр аз ин, рисолаи мазкур таърихи воситаҳои алоқа ва умуман таърихи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо факту рақамҳои нав ғанӣ мегардонад.

Муқаррароти асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии диссертатсия барои мутахассисони соҳа, барои таҳқиқоти илмӣ ва амалии эшон самарабахш мебошад. Бо мутолиаи маводи ҷамъоваришуда дар диссертатсия, ба сурати беҳтар ба таҳқиқоташон муваффақ хоҳанд гардид.

Ҳамчунин таъмини курси махсус дар шуъбаҳои факултетҳои таърихи мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аҳамият холӣ нест, аз ин рӯ, ин диссертатсия барои омӯзиши донишҷӯёни риштаи таърих бисёр муҳим ва арзишманд мебошад, махсусан донишҷӯёни тоҷик.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаи таҳқиқот** аз дақиқияти маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Тавсиби натиҷаҳои диссертатсия дар корҳои интишоргардида.** Автореферат ва корҳои илмие, ки доир ба мавзуи таҳқиқотӣ чоп гардидаанд мазмуни асосии рисолаи диссертатсиониро ба таври пурра инъикос менамоянд. Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар 20 мақолаҳои илмӣ баён гардидаанд, ки аз онҳо 11 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттесатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Ҳамчунин, нуктаҳои асосии

таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳо ва семинарҳои гуногуни илмию амалии донишгоҳию ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ аз ҷониби муаллиф дар шакли маърӯза пешниҳод гардидаанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд.

Диссертасия аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, ду боб, ки дарбаргирандаи чор зербоб аст, баррасии натиҷаҳо, хулоса ва феҳристи манбаъҳо ва адабиёти истифодашуда (бо 341 номгӯй) иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсияро 176 саҳифаи матни компютерӣ ташкил медиҳад.

Муаллиф дар боби якуми рисолаи худ, ки **«Ташаккул ва рушди корхонаҳои алоқаи почта ва радио дар вилояти Хатлон»** ном дошта, аз ду зербоб иборат аст, масъалаҳои таъсис ва фаъолияти аввалин муассисаҳои воситаҳои алоқаи минтақаро аз нигоҳи консептуалӣ қарор додааст.

Дар зербоби якуми боби якум – **«Ташаккул ва рушди минбаъдаи алоқаи почта дар ноҳияҳои вилояти Хатлон»** номгузорӣ гардида, оиди пайдоиш, ташаккул ва рушди минбаъдаи алоқаи почта таҳқиқоти илмӣ бурда мешавад. Муаллиф менигорад, ки рушди хизмати почтавӣ ба пешрафти ҳамаи соҳаҳои минтақаи вилояти Хатлон таъсири мусбӣ расонида, барои рушду нумуи вилоят шароити мусоид фароҳам овард.

Дар зербоби дуюми боби аввал, ки **«Таъсис ва фаъолияти шабакаҳои радио дар вилояти Хатлон»** номгузорӣ шудааст, муаллиф таъкид месозад, ки фаъолияти шабакаҳои радио дар давраи солҳои шуравӣ инъикос гардидааст. Муаллиф қайд менамояд, ки дар қаламрави Тоҷикистон то инқилоби Октябр радиоалоқа тамоман вуҷуд надошт. Танҳо бо шарофати инқилоб дар ин гӯшаи кӯҳистони тоҷик воситаҳои алоқа рушд ёфт. Барои дар вазъи

душвори ҷуғрофӣ ҷойгир будани ҷумҳурӣ рушди радиоалоқа аҳамияти махсус дошт.

Ҳамчунин муаллиф таъкид менамояд, ки таърихи барқароршавӣ ва рушди алоқаи почта ва шабакаҳои радио дар вилояти Хатлон дар солҳои сиюми қарни XX боиси пешравии ҳаёти иқтисодиву сиёсӣ ва иҷтимоиву фарҳангии минтақа гардид.

Боби дуюми диссертатсия - **«Инкишофи алоқаҳои телеграф ва телефон дар вилояти Хатлон»** номгузорӣ шуда, аз ду зербоб иборат аст ва таърихи инкишофи соҳаҳои алоқа - телеграф ва телефонро инъикос мекунад.

Зербоби аввал – **«Нақши телеграф ҳамчун воситаи алоқа дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии вилоят»** номгузорӣ гардида, оиди пайдоиш, ташаккул ва рушди минбаъдаи алоқаи телеграф таҳқиқоти илмӣ бурда мешавад.

Дар навбати худ, муаллиф ишора менамояд, ки соли 1922 идораи ҳарбии алоқаи Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро ташкил карда шуда, дар назди идораи нав шуъбаи алоқаи телеграф таъсис дода шуд ва барои рушди алоқаи телеграф маблағ ҷудо карда шуда буд. Ҳамин тариқ, солҳои бистум корхонаҳои воситаҳои алоқа бевосита ба идораи ҳарбӣ тобеъ мешуданд.

Дар зербоби дуюми боби дуюм **«Таъсис ва инкишофи алоқаи телефонӣ»** қайд шудааст, ки рушди алоқаи телефон дар Тоҷикистон баъди ташкилёбии ҶМШС Тоҷикистон, моҳи октябри соли 1924 оғоз гардид буд ва то ин давра дар қаламрави Тоҷикистон алоқаи телефонӣ тамоман вуҷуд надошт.

Муаллиф иброз менамояд, ки дар соли 1924 Душанбе тавассути чор хатти телеграф пайваст гардида, соли 1927 корҳо оид ба таҷҳиз ва насби дастгоҳҳои телефон, инчунин алоқаи телефонӣ дар асоси сими телеграф дар масирҳои гуногуни Тоҷикистон ба итмом расонида шуданд.

Хулосаву натиҷаҳо ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллиф аҳамияти муҳимми илмию назариявӣ ва амалиро соҳибанд, зеро онҳо барои муайян кардани самтҳои асосии таърихи ташаккул ва инкишофи воситаҳои алоқаи вилояти Хатлон мусоидат менамоянд.

Дар баробари муваффақиятҳо дар диссертатсияи Қурбонов Меҳрубон Мирзоевич баъзе норасогиҳо ба чашм мерасанд ва барои беҳтар шудани мазмуни рисола таваҷҷуҳи муаллифро ба чанде аз онҳо ҷалб менамоем:

**Аввалан,** дар қисмати сатҳи омӯзиши мавзӯъ муаллиф осори нашршударо марбут ба мавзӯи татқиқот ба панҷ гурӯҳ ҷудо кардааст. Аммо диссертант танҳо бо овардани ному насаб ва асарҳои муҳаққиқон маҳдуд шуда, онҳоро мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор надодааст. Хуб мешуд, ки тадқиқотҳои бунёдӣ ва ҷамъбастӣ таҳлил шуда, хизмати муаллифон нишон дода мешуд.

**Дуюм,** муаллиф ҳангоми омӯзиши масъалаҳои назариявию методологии таҳқиқи рушду инкишофи воситаҳои алоқаи минтақа бештар ба таҳқиқотҳои олимони беруна такя намуда, ба таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ кам таваҷҷуҳ намудааст. Хуб мешуд, ки муаллиф ҳангоми таҳқиқот, аз татқиқотҳои олимони тоҷик маълумотҳои бештар пешниҳод менамуд.

**Сеюм,** дар саҳифаҳои 42, 45, 50, 61, 65, 67, 71, 73, 77, 89, 101, 108 ва 137 диссертатсия дастгоҳи илмӣ таҷдиди назар мехоҳад ва онҳо бояд тибқи талабот оварда шаванд.

**Чорум,** дар диссертатсия баъзе хатогиҳои имлоию техникӣ ва чопӣ ба чашм мерасанд.

Нуқсонҳои дар боло номбаршуда хислати усулӣ (принсипиалӣ) надошта, онҳо аҳамият ва арзиши рисолаи унвонҷӯ Қурбонов М.М.-ро коста намесозад.

Аз руи нуктаҳои баёншуда метавон чунин хулоса намуд, ки

рушди воситаҳои алоқа дар вилояти Хатлони ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924 – 1991)” ба талаботи банди 31-37-и Низомномаи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мебошад.

Тақризи дар ҷаласаи васеъи кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» аз 27-уми январи соли 2023, суратҷаласаи № 6 муҳокима ва тасдиқ карда шудааст.

Дар маҷлиси кафедра **27 нафар** иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” - **27 нафар**, “муқобил” - **нест**, “бетараф” - **нест**.

**Мудири кафедраи таърихи халқи тоҷик,**
**номзади илмҳои таърих, дотсент** Маҳмудова Н.С.
**Профессори кафедраи таърихи**
**халқи тоҷик, доктори илмҳои таърих** Набизода В. М.
**Котиби маҷлис** Маҳмудова Г.

**Имзоҳои д.и.т., профессор Набизода В.М.,**
**дотсент Маҳмудова Н.С., ва коргузор**
**Маҳкамова Г.-ро тасдиқ менамоям.**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ “ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров”** **Наврӯзов Э.М.**
30.01.2023

**Суроғаи муассиса: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.**
**Телефон: +992 (+834-22) 6-52-73;**
**E-mail: hgu-rector@khujandi.com**